Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

# ТАҚРИЗИ

**муқаризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов Аврор Бобоевич ба диссертатсияи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст.**

1. **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.** Диссертатсияи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ пешниҳод шудааст, дар доираи Шиносномаи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика), ба бандҳои 91. Асосҳои назариявию методологии таҳлили мушкилоти рушди саноатӣ, коркарди усулҳо, механизмҳо ва фишангҳои татбиқи сиёсати иқтисодии давлат дар соҳаҳои саноат ва энергетика. Ташкил ва идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии арзёбӣ ва баландбардории самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика. 6. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ. Рақобатпазирии маҳсулот, корхона ва соҳаҳои саноат ва энергетика; 12.Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. Тартиби таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. 18. Ташаккули кластерҳои саноатӣ ва энергетикӣ, тавсеаи инфрасохтори инноватсионии рушди саноат ва энергетика. Мушкилот ва дурнамои рушди кластерҳои саноатӣ ва маҷмааи сӯзишворию энергетикӣ. 27. Рақамикунонии иқтисодёт ва идоракунии корхонаҳои соҳаҳои саноат ва энергетика. Арзёбии самаранокии рақамикунонии равандҳои идоракунӣ ва технологӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва комплекси сузишворию энергетикӣ. Моделҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ ва энергетика. 30. Мушкилоти ташаккулёбӣ ва рушди инфрасохтори соҳаҳои саноат ва

энергетика. Таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ва энергетика мувофиқ мебошанд.

## 2. Мубрамияти мавзуи татқиқоти диссертатсионӣ

Мавзуи таҳқиқоти диссертасиони Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ ба ҳадафҳои стратегии рушди миллӣ, аз он ҷумла нишондодҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ба иҷро расидааст. Дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 амалигардонии сенарияи индустриалию инноватсионӣ ҷойгоҳи бунёдиро ишғол менамояд. Стратегия бунёди асосҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар дар заминаи “гузаронидани ислоҳот дар соҳаи маориф ва тайёр кардани мутахассисони замонавиро пешбинӣ мекунад. Сенарияи мазкур имконият медиҳад, ки ҳангоми ташаккулдиҳии равишҳои иноватсионӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, тақвият бахшидан ба заминаи институтсионалии рушд, такмилдиҳии низоми ҳуқуқӣ ва тақвияти ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ, аз ҷумла моликияти зеҳнӣ, шароит барои афзоиши ҳам сармоягузориҳои хусусию дохилӣ ва ҳам мустақими хориҷӣ муҳайё месозад.” Дар ин ҷода таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии мамлакат нақши гиреҳӣ дорад. Дар марҳилаи нави рушди кишвар новобаста аз ислоҳоту таъмини институтсионалӣ ва таъминоти молиявию сармоявии рушди саноатии кишвар, аммо ҳанӯз инфрасохтори мукаммалу системавӣ, ки рушди инноватсионии корхонаҳои саноатиро дар сатҳи кофӣ таъмин менамояд, бунёд нагардидааaст. Ташаккулу рушди ҷузъҳои алоҳидаи он наметавонанд шароити фарогирро барои рушди инноватсионии корхонаҳои санаатӣ эҷод намоянд. Илова бар ин, дар сохтори сиёсати саноатии мамлакат сиёсати давлатии инноватсионии дар сатҳи милливу соҳавӣ ва минтақавӣ, ки рушди ҷузъҳои инфрасохтори инноватсиониро инъикос менамояд, ҳанӯз бо сабаби маҳдудияти амали механизмҳои татбиқи он сатҳи комил, сифати низомӣ ва таъсиррасонро касб накардааст.

Бинобар он, масаълаи коркарди асосҳои назариявию методологии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ мубрамият пайдо менамояд. Аз ин рӯ, мавзуи интихобшуда, ки ба ҳалли муаммоҳои илмии таъминоти инфрасохтории рушди корхонаҳои саноатӣ равона шудааст, дорои арзишҳои назариявию амалӣ мебошад.

3.**Дарачаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ на танҳо дар самти асосноккунии ҷанбаи назариявӣ ва методолгии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии мамлакат зоҳир мегардад, балки муаллиф ҷуръат намудааст, ки чандин тавсияҳои амалиро оид ба такмили механизмҳои ташкилӣ (муносибати кластерӣ) ва таъминоти итилоотии онро истифода аз унсурҳои иқтисодиёти рақамӣ асоснок намояд. Ба назари мо натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ба ҳайси навгонии илмӣ баррасӣ шудаанд, аз инҳо иборат мебошанд:

- асоснок намудани нақшу ҷойгоҳӣ инфрасохтори инноватсионӣ дар таъмини рушди устувори на танҳо корхонаҳои саноатӣ, балки ташаккулу рушди системаи саноатииву инновасионии минтақаҳои кишвар ва мамлакат дар умум, мусоидат намуда, омили муҳими сифатӣ дар ҷойгиркуниву рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва а рақобатпазирии иқтисодиёти сатҳои гуногун мебошад;
- тавзеъ додани моҳият ва сохтори инфрасохтори инноватсионӣ дар фаҳмиши маҳдуд ва васеъ ва вобаста ба он арзёбии намудани ҳолати муосир ва тамоюлоти ташаккули рушди муносибатҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои саноати мамлакат;
- тавсифу гурӯҳбандии омилҳо бо меёрҳои муаяйн, ки ба ташаккулу рушди минбаъдаи фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ таъсир мерасонанд;
- коркарди асосҳои консептуалии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, ки фарогири ҷузъҳои институтсионалӣ, ташкилию иқтисодӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ мебошад;
- асоснок намудани зарурати объективии истифодаи муносибати кластерӣ (пеш аз ҳама квазиинтегратсионӣ) ҳамчун механизми муосири ташкилии таъмини инфрасохтории ташаккули системаи саноативу инноватсионӣ,(кластерҳои саноативу инноватсиониву), ки аз муносибати системавӣ бармеояд;
- коркарди лоиҳа ва ё тамсилаи кластерҳои инноватсионӣ, ки дар заминаи иштироки давлат, корхонаҳои бузурги саноатӣ, муассисаҳои илмию таълимӣ, институтҳои молиявӣ ва бахши итилоотии иқтисодиёт, субъектҳои бахши хусусӣ ва дигар субъектҳои иқтисодӣ, ки дар занчираи ташаккули арзиши илова ва ниҳоӣ иштирок менамоянд;
- самтҳои стратпгии дастгирии давлатии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноати мамлакат мутобиқ ба талаботи марҳилаи нави рушди иқтисодиёти кишвар муайян карда шуда, “пешниҳод шудааст, ки

дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ бояд ба масъалаҳои тавсеаи унсурҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, паркҳои технологӣ, истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва фаъолгардонии унсурҳои мавҷудаи инфрасохтори инноватсионии кишвар таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шавад";

Дар сарсухани диссертатсия муҳимияти мавзуъ, сатҳи коркарди он, ҳадаф ва вазифаҳо, гипотезаи татқиқот ва ғ. муаяйн карда шудааст.

**Дар боби якум, «Ҷанбаҳои назариявию методологии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ»**, назария ва равишҳои таҳқиқи таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, методологияи ташаккул ва унсурҳои инфрасохтори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир, таҷрибаи хориҷии ташаккули низоми таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноат мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия омадааст, ки ташаккул ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ дар соҳаҳои саноат дар таъмини шароити зарурӣ барои фаъолияти бахшҳои асосии иқтисодиёт самти афзалиятнок ба ҳисоб рафта, барои ҳамоҳангсозии ҳамкории унсурҳои гуногуни иқтисоди бозорӣ зарур аст. Дар баробари ин бояд самтҳои афзалиятдори тараққиёти он муайян карда шуда, самараи дигаргунсозии сармояи инсонӣ зиёд карда шавад.

Бинобар он муаллиф инфрасохтори инноватсиониро ҳамчун низомҳои ба ҳам алоқаманд ва якдигарро такмилдиҳандаи истеҳсолӣ-техникӣ ва ташкилӣ-техникӣ баррасӣ намудааст, ки он барои татбиқи самараноки инноватсияҳо ва рушди фаъолияти инноватсионӣ зарур мебошад. (С.15-17).

Муаллиф як қатор тадқиқотҳои илмие, ки дар он моҳият ва мафҳуми инфрасохтори инноватсионӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, таҳқиқ намуда, равишҳои системвӣ, институтсионалӣ, сохтори функсионалӣ ва ҷараёниро тавсиф намудааст. (С. 19).

Натиҷаи таҳқиқоти аз ҷониби муаллифи кори диссертатсионӣ иҷрогардида нишон дод, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақш ва аҳамияти инфрасохтори инноватсионӣ дар рушди саноат назаррас набуда, он муносибати комилан навро тақозо менамояд. Дар баробари ин иқтидори инноватсионии корхона аз як қатор категорияҳои системавии мустақил иборат аст, дар маҷмӯъ барои рушди фаъолияти инноватсионӣ замина мегузоранд. Дар робита ба ин бисёре аз корхонаҳои ватаниро зарур аст, ки низоми муосири идоракуниро ташаккул дода, самаранокии ҷорӣ намудани инноватсияро дар раванди татбиқи фаъолияти инноватсионӣ таъмин намоянд. Ҳамчунин унвонҷӯ сохтор ва таркиби

инфрасохтори инноватсиониро гурӯҳбандӣ намудааст, ки самтҳои асосии танзими давлатӣ, сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм, илму техника ва инноватсияро инъикос менамояд. (С. 23 Расми 1.1.1).

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки инфрасохтори инноватсионӣ системаи мураккаби субъектҳо, объектҳо ва падидаҳоест, ки фаъолияти иқтисодиёти инноватсиониро таъмин мекунад. Вобаста аз ин омилҳое, ки таъсири мутақобилаи ҳамаи унсурҳои таркибии ин системаро ба вуҷуд меоранд, муаллиф дар шакли расм тасниф намудааст. (С.33).

Унвонҷӯ бизнес-инкубаторҳоро ҳамчун унсури муҳими инфрасохтори инноватсионӣ баррасӣ намуда, қайд сохтааст, ки ҳама инкубаторҳо бо мақсади дастгирии ширкатҳои нави инноватсионӣ ва пешбурди соҳибкории инноватсионӣ таъсис ва фаъолият менамоянд. Аз ин рӯ онҳоро ба ду намуди асосӣ тақсим кардан мумкин аст. Якум онҳо ҳамчун созмонҳои мустақил фаъолият мекунанд ва дуюм – инкубаторҳо қисми технопарк мебошанд. (С.38-40).

Таҷрибаи давлатҳои ИМА, Финландия, Исроил, Шветсия, Ҷопон Русия ва дигарҳоро вобаста ташаккули низоми таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноат мавриди омӯзиш қарор дода, зарурати истифодаи онро дар Тоҷикистон асоснок намудааст. (С. 45-57).

**Дар боби дуюм «Таҳлили ҳолати муосир ва таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ҳолати муосир ва нишондиҳандаҳои рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ ва нақши онҳо дар рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои ба тавсеаи низоми таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноат таъсиррасон арзёбӣ гардидаанд.

Яке аз муваффақиятҳои хоси татбиқи ҳадафи чоруми рушди миллӣ ин таъсиси корхонаҳои хурду миёна ва бузурги саноатӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин муаллиф нишондиҳандаҳои асосие, ки саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавсиф мекунанд таҳлил намуда, қайд менамояд, ки дар давраи солҳои 2015-2021 шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ 87 адад зиёд гардида, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бошад ба андозаи 22059 млн. Сомонӣ афзоиш ёфта, ҳамчунин дар соҳаҳои саноат 4,1 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудааст. Индекси истеҳсолоти саноатӣ бошад 9,5 банди фоизӣ зиёд гардадааст. Дар маҷмуъ динамикаи нишондиҳандаҳои асосии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбат буда, раванди саноатикунонии кишвар бомаром идома дорад. Сипас дар диссертатсия омадааст, ки яке аз муҳимтарин соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди кишварро саноат ташкил медиҳад, ки аз мавқеи муҳими рушди иқтисоди миллӣ дар назар аст.

ҳамчунин дар натиҷаи таҳлил муайян гарштааст, ки дар давраи солҳои 2015-2021 саноати истихроҷи маъдан, истихроҷи маводҳои ғариэнергетикӣ, саноати коркард, истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайрӣ филизӣ ва истеҳсолу тақими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтаанд. (С.59-62)

Дар доираи тадқиқот унвонҷӯ чунин меҳисобад, ки таъсиси комплексҳои бузурги коркарди ниҳоии пахта бояд дар асоси риояи принсипи инноватсионӣ будани фаъолият ва талаботи консепсияи "иқтисоди сабз" бунёд карда шавад. Дар ин самт зарурати бунёди инфрасохтори нав ва тақвияти унсурҳои мавҷудаи инфрасохтори инноватсионии рушди саноат ба миён омадааст. Маҳз дар ин қарина имконияти татбиқи сиёсати соҳавии таъсиси унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ бо иштироки давлат ва бахши хусусӣ пайдо хоҳад гашт. (С.68)

Зимни тадқиқот муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол системаи ҳамоҳангшуда ва ҳамаҷонибаи идоракунии равандҳои инноватсионӣ вуҷуд надорад. Унсурҳои асосии инфрасохтори инноватсионӣ ташаккул наёфтаанд, фондҳои венчурӣ ва марказҳои интиқоли технология вуҷуд надоранд ва дастгирии давлатӣ барои равандҳои инноватсионӣ хусусияти консептуалӣ дорад. Иқтидори илмию техникии муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соҳа низ ба қадри кофӣ амалӣ карда намешавад. Самтҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ дар алоҳидагӣ аз ҳамдигар ва бидуни мувозинат амал мекунанд. Аз ин рӯ яке аз самтҳои асосии ташкили инфрасохтори инноватсионии рушди саноати миллиро бо рушди парки технологӣ мансуб донистааст. (С. 80-83)

Дар диссертатсия омадааст, ки сармоягузориҳо барои ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ заминаи моддӣ гузошта, омили асосии рушди инфрасохтори инноватсионӣ мебошанд. Дар ин маврид муаллиф мақом ва нақши сармоягузорӣ дар ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар шароити саноатикунонии босуръатро дар шакли расм инъикос намудааст. (С. 100-102)

**Боби сеюм «Самтҳои асосии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноати ҷумҳурии тоҷикистон»,** асосҳои консептуалии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди инфрасохтори инноватсионӣ дар асоси истифодаи равиши кластерӣ ва идоракунии рушди инфрасохтори инноватсионии саноат дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ асоснок гардидаанд.

Бахшҳои асосии иқтисоди воқеии ҷумҳурӣ, ки дар онҳо рақамикунонӣ зарур аст, саноат ва энергетикаи барқӣ мебошанд. Вобаста ба ин муаллиф қайд менамояд, ки дурнамои саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ дар ҷумҳурӣ ташаккули саноати пурмаҳсулро бо истифодаи васеи техникаи автономӣ ва системаи қабули қарорҳо ба таври афзалиятнок дар асоси таҳлили маълумоти калон пешбинӣ менамояд. Дар тамоми занҷираи ташаккули арзиш сенсорҳо, нишондиҳандаҳо ва воситаҳои таҳлилии пешқадаме, ки барои шаффофияти маълумот, гузаронидани тарҳсозии сенариявӣ ва қабули қарорҳо дар асоси онҳо имконият медиҳанд, ҷорӣ карда мешаванд. Ба ғайр аз ин ҷорӣ намудани техникаи автономӣ ва танзими ҷараёнҳои асосии истеҳсолӣ дар реҷаи автоматикӣ имкон медиҳад, ки иштироки инсон маҳдуд карда шуда, сатҳи бехатарии истеҳсоли воситаҳо баланд бардошта шавад. (С. 111)

Ба андешаи муаллиф масъалаи асосие, ки ба рушди фаъолияти инноватсионӣ мусоидати менамояд, ин ба вуҷуд овардани низоми миллии дастгирии инноватсияҳо, рушди технологияҳо, навсозии истеҳсолот дар асоси коркардҳои нави илмию техникӣ мебошад, ки гузариши иқтисодиёти кишварро ба роҳи инноватсионии рушд таъмин карда метавонад. Дар ин асно вазифаҳои стратегӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи фаъолияти инноватсионӣ ва дастгирии минбаъдаи он ва модели консептуалии таъминоти инфрасохтории рушди саноати миллӣ дар шароити саноатикунонии босуръатро асоснок кардааст. (С.115-119)

Унвонҷӯ истифодаи равиши кластериро дар рушди инфрасохтори инноватсионӣ баррасӣ намуда, бартариҳои махсусгардонӣ, ҳамгирой ва кооператсияро дар баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ дар системаи ташкилию иқтисодӣ (кластери минтақавӣ, соҳавӣ) зарур донистааст. Яъне аз ҳисоби муттаҳидсозии сохторҳои истеҳсолӣ, молиявӣ, интеллектуалӣ ва идоракунӣ самаранокии фаъолият таъмин гардида рушди минбаъдаи он дар назар аст. (С. 125)

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд менмояд, ки яке аз роҳҳои асосии бунёди инфрасохтори инноватсионӣ дар минтақаҳо ин тавсеаи ҳамкории байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин омилҳои ташаккули кластери саноатии байналхалқӣ дар минтақаҳои наздисарҳадии

Тоҷикистон ва Ӯзбекистон муайян карда шудаанд. Маҳз дар ин замина густариши ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон метавонад ба сифати омили мусбӣ баромад намуда, таъсиси кластерҳои байнисарҳадӣ дар рушди инфрасохтори инноватсионии минтақа ба сифати омили бунёдӣ баромад кунад. (С. 130-132)

Муаллиф дуруст таъкид намудааст, ки баланд бардоштани нақши технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ дар равандҳои идоракунӣ, пеш аз ҳама дар технологияи таҳия, қабул ва татбиқи қарорҳои идоракунӣ инъикос меёбад. Унсури асосии ташкилоти муосири иқтисодӣ кор бо маълумот, истифодаи дониш ва салоҳиятҳои шахсӣ бо истифодаи системаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ, ки дар низоми инфрасохтори рақамӣ муттаҳид шудаанд имкон медиҳанд, ки автоматикунонии пурраи марҳилаҳои алоҳидаи технологияи қабули қарорҳои идоракунӣ, инчунин амалӣ намудани тадқиқоти амиқ ва муфассал имконнопазир гардад. Ҳамчунин дар диссертатсия амадааст, ки рушди минбаъдаи технопаркҳо дар заминаи риояи равишҳои зерини системавӣ сурат гирад:

- ташкили базаи таҷрибавию истеҳсолӣ дар инфрасохтори технопаркҳо;
- тавсеаи фаъолият вобаста тарғиби истифода аз технологияҳои воридотӣ ва паҳн кардани фарҳанги инноватсионӣ;
- дар тамоми марҳилаҳои раванди инноватсионӣ ҷорӣ намудани механизмҳои самараноктарини фаъолият. (С.146-147)

Унвонҷӯ самтҳои асосии такмили механизми дастгирии давлатии рушди инфрасохтори инноватсионии саноатро муайян намудааст, ки ташаккул ва инкишофи инфрасохтори инноватсиониро таъмин менамояд. (С. 150-151)

Заминаи иттилоотии тадқиқоти илмиро дастурҳо, баромадҳо ва Паёмҳои Аососгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисоди ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конфронсҳои илмию амалӣ, монографияҳо ва дигар маводи дар нашрияҳои даврӣ чопшуда, захираҳои иттилоотии «Internet» ташкил додаанд. Шиносоӣ бо кор нишон медиҳад, ки муаллиф мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади татқиқот ҷамъ овардааст, коркард ва таҳлил намудааст.

**4. Асоснокӣ ва эътимотнокии хулосаҳо ва тавсмияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Андешаҳои назариявии диссертатсияро метавон гуфт, ки дар густаришу рушди назарияи инфрасохтори инноватсионӣ ва системаи саноативу инноватсионии сатҳҳои гуногун саҳмгузор шудаанд. Масалан, асоснок намудани таъсири муносибати кластерӣ ҳамчун механизми ташкилии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва асоснок намудани иқтидори таъсиси кластерҳои инноватсионӣ дар асоси методҳои барномавӣ-лоиҳавӣ, инчунин коркардҳои илман асоснокшуда доир ба такмили механизми дастгирии давлатии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар заминаи трансформатсияи рақамии муносибатҳои инноватсионӣ барои такмили низоми идоракунии равандҳои инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва системаи саноатӣ дар умум мусоидат менамояд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо саҳеҳии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд. Масалан, таъкиди муаллиф доир ба таҳия ва татбиқи консепсия ва барнома-лоиҳаҳои соҳавии рушди инфрасохтори инноватсионӣ, ки имконият медиҳанд маҷмуи тадбирҳои сиёсати давлатӣ дар ин самт тариқи таҳияи асноди институтсионалӣ ба тартиб даровардa шавад.(Хулосаи банди 10.) Ва ё ин ки асосноккунии зарурати дар самти таъмини инфрасохторҳои инноватсионии системаи саноат истифодаи муносибату механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ тақои замон аст.(Хулоса б.14) ва ғ.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки бархе муқарароти диссертатсия барои васеъ намудани ҷанбаҳои назариявию методологиии татқиқот дар самти ташаккулу рушди инфрасохтори иннноватсионии рушди корхонаҳои саноатӣ, муайянсозии ҷанбаҳои стратегии дастгирии давлатии рушди инфрасохтор саҳм мегузорад. Хулоса ва пешниҳодҳои бадастомада доираи таҳқиқоти мавҷударо дар соҳаи таъминоти инфрасохтории рушди иннноватсионии бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ намуда, метавонанд ба пояи низоми мӯътадили фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ мусоидат намояд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар имконияти истифодабарии натиҷаҳоро дар ҷараёни такмилу татбиқи барномаҳои дарозмуддатии рушди низоми иноватсионии мамлакат ва корхонаҳои соҳаи саноат, ки пайваста бо сифату хусусиятҳои иқтисодиёти

индустриаливу аграрӣ  тахия шудаанд, доро мебошанд. Ба ғайр аз ин, хулосаҳои асосии назариявӣ ва амалии диссертатсия метавонанд дар фаъолияти ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии соҳаи саноати истифода карда шаванд.

Ҷанбаҳои иҷтимоии татқиқот дар он аст, ки соҳаи афзалиятноки такмил додани механизми рушди инфрасохтори инноватсионӣ дар минтақаҳо, метавонад бо тариқи пайдоиши самараи берунаи мусбӣ тафаккури индустриаливу инноватсионии мардуми минтақа васеъ гардад. Илова бар ин,  рушди механизмҳои ҷалби захираҳои молиявӣ ба хоҷагиҳо маҷрои сармоягардии даромади мардумро тезонад. Паҳлӯҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд дар соҳаи таҳсилоти касбӣ, ки соҳаи муҳими иҷтимоӣ мебошад, ҳангоми таълимдиҳии фанҳои дарсии, “Иқтисодиёти инноватсионӣ” «Иқтисодиёти саноат», “Танзими давлатии иқтисодиёт” ва ғ. мавриди истифода қарор гиранд.

**6.Нашри натиҷаҳои диссертатсия маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Асарҳои интишоршудаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос намудаанд. Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот 8 кори илмӣ, аз ҷумла 5 - тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,75 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад. Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмиллалӣ, семинару конфронсҳо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2020-2023) муҳокима шудаанд.

**7. Мутобиқати ба расмиятдароории диссертасия ба талабот Комисия**

Диссертатсия  бо бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм дар самти омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст,  ҷавобгӯй мебошад..

**8. Хулоса**

Албатта, татқиқоти диссертатсионӣ аз нигоҳи муқарриз дорои як қатор носаҳеҳо аст, аммо дар умум наметавонад сифати илмии ва меҳнати илмии муаллифро коста намояд. Эроду дархости муққариз чунин аст:

1. Дар адабиёти иқтисодӣ механизмҳои инфрасохтори рушди

инноватсионӣ маъмул аст. Таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои санатӣ аслан тавассути кори фаъоли механизмҳо амалӣ мешавад. Бинобар он муалифро зарур буд, ки ин механизмҳоро гурӯҳбандиву тасниф намуда, сатҳ таъмини онҳоро арзёбӣ менамуд.

2. Унвонҷуй таъкид намудааст, ки "соҳибкории инноватсионӣ омили муҳими рушди иқтисодиёт мебошад. Ташаккул ва рушди соҳибкории инноватсионӣ дар марҳилаи кунунӣ бояд аз ҷониби инфрасохтори мувофиқи инноватсионӣ дастгирӣ карда шавад".(с.101.) Дар ин маврид бояд моҳият ва меъёрҳои фарққунандаи соҳибкории инноватсионӣ ва тамоюли рушди он мавриди таҳлил қарор мегирифт.

3. Рушди инноватсионӣ бо андозаи иштироки омилҳои инноватсионӣ дар сохтани арзиши нав ва ё илова арзёбӣ мешавад. Бинобар он зарур буд, ки самараи иқтисодии фаъодияти инноватсионӣ ва инфрассохтори инноватсионӣ арзёбӣ мешуд.

4. Дар мавриди коркарди асосҳои консептуалии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ агар ба масаълаҳои таъмини институтсионалӣ, сохтори институсионалии инфрасохтори инноватсионӣ таваҷҷӯҳ дода мешуд, ба мақсад мувофиқ буд.

5. Хуб мешуд, ки муаллиф алгоритми коркарди барномаҳои мақсадноки таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатиро дар самтҳои афзалиятнок пешниҳод менамуд. Дар ин ҷода зарурати коркарди меъёри муаяйн намудани фаъолияти афзалиятнок низ ба миён меомад.

6. Дар матни диссертатсия як қатор саҳвҳои забонӣ, ки бо истилоҳоти забонӣ давлатӣ мутобиқ нестанд, вомехуранд.

Аммо эроду дархостҳое, ки дар боло зикр шудаанд, сатҳи назариявию амалии татқиқоти диссертатсионии Қодирзода Неъматулло Ҳабибро коҳиш намедиҳад. Дар кулл диссертатсия татқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияту муаллифро дар пажӯҳишу ҳалли муммоҳо ва роҳҳои таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавсиф менамояд.

Автореферати диссертасия мазмуни асосии татқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешавад, ҷой гирифтааст.

Аз нигоҳи мазмуни илмӣ ва шакли баён диссертатсия дар мавзуи **«Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** кори илмиву тахассусӣ буда, дар он ҳалли муаммои илмӣ, ки аҳамияти муҳиму афзалиятнокро дар рушди илми

иқтисоди ватанӣ доро аст, комилан бо талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст. Аз ин лиҳоз, муаллифи он Қодирзода Неъматулло Ҳабиб сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

"10" "11" соли 2023

**Муққарази расмӣ, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демография АИ ҶТ, доктори илмҳои ииқтисодӣ, профессор** **Мирсаидов А.Б.**

**Дурустии имзои д.и.и., профессор Мирсаидов А. Б.-ро тасдиқ менамоям.**
**Нозири кадрҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ** **Қурбонов Э.**

*Суроға:*
*Институти иқтисодиёт ва демография 734024*
*ш.. Душанбе, х. Айни, 44. Тел. (992 37) 221-67-50,*
*факс (992 37) 221-57-65, e-mail: eco_institute@rambler.ru*

*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Тошматов Маҳмуд Негматович ба диссертатсияи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика)**

## 1. Мубрамият ва зарурияти баргузории таҳқиқот

Дар замони муосир ва шароити иқтисоди бозорӣ инфрасохтори инноватсионӣ муҳимтарин ҷузъи системаи миллии инноватсионӣ буда, муассисаҳо ва ташкилотҳои он ба ҳамгироии натиҷаҳои илмӣ ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ мусоидат мекунанд. Дар ин самт мавҷудияти инфрасохтори инноватсионӣ яке аз қоидаҳои муҳимми таъсиси низоми миллии инноватсионии тамоми кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мебошад.

Имрӯз татбиқи инноватсия ва рушди инноватсионии тамоми соҳаҳо зери таваҷҷуҳи хосаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, тайи солҳои охир барои таъмини рушди усутвори иқтисодиёти миллӣ ва гузариши он ба иқтисодиёти инноватсионӣ заминаҳои мусоиди институтсионалӣ фароҳам оварда шудааст.

Чӣ тавре ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст, рушди индустриалию инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мавҷудияти инфрасохтори инноватсионӣ ва самарабахшии фаъолияти ҷузъҳои он вобаста мебошад. Айни замон ҳалли масъалаҳои муҳимми рушди саноати миллӣ, татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръат, танзими

гуногунсамтии иқтисодиёт ва баландбардории рақобатпазирии он афзалият дорад ва дар ин замина ташаккул ва таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаб ва рӯзмарра ба ҳисоб меравconfigured.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта собит намудааст, ки дастгирии инфрасохтор, махсусан фароҳам овардани шароит барои ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ омили бунёдии рушди инноватсия ва гузаштани саноат ба зинаи нави технологӣ мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, асосноккунии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии саноат аҳамияти зиёди илмӣ ва амалӣ дорад. Аз ин рӯ, унвонҷӯ мавзуи мубрамро таҳқиқ намудааст, ки дорои аҳамияти муҳимми назариявию методологӣ ва амалӣ мебошад.

**2. Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**

Таҳқиқоти мазкур масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва инкишофи низоми таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноатро дарбар гирифта, пешниҳоду тавсияҳо ва муқарраротӣ хусусияти назариявӣ ва амалидошта бо истифода аз методологияи мукаммалӣ илмӣ асоснок карда шудаанд.

Муаллиф бо истифода аз асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ асосҳои назариявии таҳқиқотро таҳия намудааст, ки он ташаккул ва инкишофи фаъолияти инноватсионӣ, таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, истифодаи равиши кластерӣ дар рушди инфрасохтори инноватсионӣ ва дастгирии давлатии рушди инфрасохтори инноватсиониро ташкил медиҳанд.

Дар таҳқиқот истифодаи васеи сарчашмаҳои назаривӣ, таҳлили амалия, маводи зиёди методологӣ ва эмперикӣ ба назар мерасад. Хулосаву

пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ аз рӯйи таҳлили амиқи назариявӣ, методологӣ ва амалӣ таҳия гардидааст.

Инчунин, муаллиф ба сифати сарчашмаҳои илмии таҳқиқот санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои илмию амалӣ, маълумотҳо аз сомонаҳои интернетӣ ва таҳқиқоти мустақилонаи анҷомдодаро истифода намудааст.

**3. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Муқарраротни назариявӣ ва методологии диссертатсия, объект, мавзуъ, навгониҳо ва муҳтавои он ба бандҳои шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика ҷавобгӯ мебошад ва ба зербандҳои 1. Асосҳои назариявию методологии таҳлили мушкилоти рушди саноатӣ, коркарди усулҳо, механизмҳо ва фишангҳои татбиқи сиёсати иқтисодии давлат дар соҳаҳои саноат ва энергетика. Ташкил ва идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии арзёбӣ ва баландбардории самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 6. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ. Рақобатпазирии маҳсулот, корхона ва соҳаҳои саноат ва энергетика; 12. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. Тартиби таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика; 18. Ташаккули кластерҳои саноатӣ ва энергетикӣ, тавсеаи инфрасохтори инноватсионии рушди саноат ва энергетика. Мушкилот ва дурнамои рушди кластерҳои саноатӣ ва маҷмааи сӯзишворию энергетикӣ; 27. Рақамикунонии иқтисодёт

ва идоракунии корхонаҳои соҳаҳои саноат ва энергетика. Арзёбии самаранокии рақамикунонии равандҳои идоракунӣ ва технологӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва комплекси сузишворию энергетикӣ. Моделҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ ва энергетик; 30. Мушкилоти ташаккулёбӣ ва рушди инфрасохтори соҳаҳои саноат ва энергетика. Таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ва энергетика, мувофиқат мекунад.

**4. Саҳеҳӣ ва навгони илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда**

Навгониҳои илмии паҳлуҳои назариявию методологии таҳқиқотро таъмини инфрасохтории рушди саноат ташкил медиҳад, ки чунинанд:

- муаллиф асосҳои назариявии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатиро дар шароити муосир таҳқиқ намуда, дар ин замина исбот намудааст, ки мавҷудияти инфрасохтори инноватсионӣ шарти асосии таъмини рушди устувори на танҳо корхонаҳои саноатӣ, балки соҳа, минтақа ва кишвар ба ҳисоб рафта, омили муайянкунанадаи сатҳи рушди муносибатҳои истеҳсолӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мебошад;

- дар асоси таҳқиқи ҷанбаҳои методӣ ва методологии ташаккул ва инкишофи унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ исбот гардидааст, ки инфрасохтори инноватсионӣ дар фаҳмиши маҳдуд ва васеъ маҷмӯи муносибатҳоеро ифода мекунад, ки дар заминаи онҳо ташаккул ва рушди фаъолияти инноватсионӣ сурат мегирад;

- дар заминаи таҳлили ҳолати муосир ва марҳилаҳои ташаккули муносибатҳои инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи омилҳое ошкор ва гурӯҳбандӣ карда шудаанд, ки ба ташаккули фаъолияти инноватсионӣ ва рушди инноватсионии саноат таъсир мерасонанд;

- асосҳои консептуалии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ таҳия карда шудааст, ки фарогири ҷузъҳои институтсионалӣ, ташкилию иқтисодӣ ва иттилоотию

коммуникатсионӣ мебошад;

- аз ҷониби муаллиф истифодаи равиши кластерӣ дар тавсеаи таҷрибаи таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ илман асоснок карда шуда, пешниҳод гардидааст, ки дар заминаи иштироки давлат, корхонаҳои бузурги саноатӣ, муассисаҳои илмию таълимӣ, молиявӣ ва намояндагони бахши хусусӣ равиши лоиҳавии таъсиси кластерҳои инноватсионӣ татбиқ карда шавад;

- дар доираи муайян намудани самтҳои асосии дастгирии давлатии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф пешниҳод намудааст, ки дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ бояд ба масъалаҳои тавсеаи унсурҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, паркҳои технологӣ, истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва фаъолгардонии унсурҳои мавҷудаи инфрасохтори инноватсионии кишвар таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шавад.

## 5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методологие ифода меёбад, ки моҳият ва мазмуни иқтисодии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноатро ошкор сохта, дар таҳия ва татбиқи тадбирҳои муассири рушди индустриалию инноватсионӣ истифода шуда, истифодаи онҳо заминаҳои консептуалии рушди инноватсионии саноатро тақвият мебахшанд.

Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои илман асоснокшуда метавонад аз ҷониби ширкату корхонаҳои саноатӣ, мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои такмили додани сиёсати соҳавӣ ва давлатӣ дар самти таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноат истифода карда шаванд.

## 6. Тавсифи умумн кори диссертатсионӣ

Кори диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 173 саҳифаи матни компютерӣ баён гардида, фарогири 15 ҷадвал, 6 диаграмма ва 10 расм мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудаанд.

Дар боби якум **"Ҷанбаҳои назариявию методологии таъмини инфрасохтории рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ"** назария ва таҳаввулоти инфрасохтори инноватсионии рушди корҳонаҳои саноатӣ, методология ташаккул ва инкишофи унсурҳои инфрасохтори инноватсионии рушди корхонахои саноатӣ ва таҷрибаи хориҷии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ таҳқиқ карда шудааст.

Бо такя ба таҳқиқоти анҷомшуда муаллиф инфрасохтори инноватсиониро ҳамчун низомҳои ба ҳам алоқаманд ва якдигарро такмилдиҳандаи истеҳсолӣ-техникӣ ва ташкилӣ-техникӣ баррасӣ менамоем, ки барои татбиқи самараноки инноватсияҳо ва рушди фаъолияти инноватсионӣ заруранд. Муаллиф қайд менамояд, ки таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки дар рақобати бозори ҷаҳонӣ иқтисодиёте муваффақ мешавад, ки инфрасохтори инноватсионии пешрафта дошта, инноватсияро эҷод ва татбиқ карда, механизми нисбатан муассири фаъолияти инноватсиониро фароҳам сохтааст (с. 17).

Барои ташаккули дастгоҳи консептуалии таҳқиқот баъзе ақидаҳо ва равишҳои назариявиро оид ба омӯзиши моҳият ва мафҳуми инфрасохтори инноватсиониро муаллиф мавриди омӯзиш қарор дода ва дар ҷадвали 1.1.1. овардааст (с. 18).

Дар асоси таҳқиқоти анҷомдода таърифи муаллифии инфрасохтори инноватсионӣ пешниҳод карда шудааст, ки дорои чунин мазмун аст: инфрасохтори инноватсионӣ муҳити ба таври сунъӣ эҷодшудаест, ки барои ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ пешбинӣ шуда, системаи динамикии худидоракунии бозорҳо ва субъектҳоест, ки дар доираи муҳити институтсионалии муайян барои васеъ намудани истеҳсолу фурӯши маҳсулот ва технологияҳои инноватсионӣ шароити зарурииро фароҳам месозанд (с. 29).

Унсурҳои асосии инфрасохтори инноватсионӣ паркҳои технологӣ, инфрасохтори ёрирасон, кластерҳо ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошанд, ки ҷузъҳои инфрасохтори инноватсионии рушди корхонаҳои саноатиро муаллиф дар расми 2.1.1. овардааст (с. 42).

Дар заминаи омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ махсусан таҷрибаи ИМА муаллиф таъкид месозад, ки дастгирии фаъоли давлатӣ, пешниҳоди имтиёз ва дастгириҳои молиявӣ, ҳавасмандгардонии тақвияти ҳамкории байни илм ва истеҳсолот аз ҷумлаи таҷрибаи пешқадеме мебошанд, ки истифодаи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба рушди фаъолияти инноватсионӣ ва инфрасохтори он мусоидат кунад (с. 50).

Дар боби дуюм **“Таҳлили ҳолати муосир ва тамоюли таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** дар асоси маводи оморӣ таҳлили ҳолати муосир ва нишондиҳандаҳои рушди саноат, таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ва баҳодиҳии таъсири инфрасохтори инноватсионӣ ба рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва асоснок карда шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки солҳои охир динамикаи рушди саноат дар минтақаҳои кишвар тамоюли мусбӣ дошта, имрӯзҳо дар қаламрави кишвар корхонаҳои нави саноатӣ бунёд шуда истодаанд. Муаллиф зикр намудааст, ки новобаста аз он, ки дар ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолӣ ва таъсиси корхонаҳои нав дар сатҳи минтақаҳо нобаробарӣ дида мешавад, вале дар

маҷмӯъ рушди истеҳсолоти саноатӣ дар заминаи иқтидорҳои мавҷуда таъмин карда мешавад. Маълумот оид ба ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ дар ҷадвали 2.1.3. оварда шудааст (с. 61). Дар натиҷаи таҳлил муаллиф қайд менамояд, ки ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои кишвар афзоиш ёфта истода, ҳиссаи бузурги он ба вилояти Суғд рост меояд. Дар ҳамин замина бояд таъкид сохт, ки маҳсулоти саноатии инноватсионӣ низ дар корхонаҳои вилоят ва МОИ "Суғд" истеҳсол карда шуда, аксари он барои содирот пешниҳод карда мешавад (с. 62).

Дар натиҷаи таҳлили ҳолати муосир ва динамикаи нишондиҳандаҳои асосии соҳаҳои саноат муаллиф зикр менамояд, ки солҳои охир дар пасманзари эълони саноатикунонии босуръати кишвар рушди бемайлони он таъмин карда шуда, шумораи зиёди корхонаҳои саноати бунёд гардида, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуданд. Дар баробари ин ҳаҷми маҳсулоти саноати зиёд гардида, содироти маҳсулоти саноатӣ бештар ва дар заминаи татбиқи истеҳсолоти воридотивазкунанда бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватании саноатӣ таъмин карда шудааст (с. 73).

Ба андешаи муаллиф таъмини рушди иқтисоди миллӣ дар шакли индустрилию инноватсионӣ зарурати таъсиси инфрасохтор ва шароити муосидро тақозо менамояд. Дар ин замина, бо мақсади ташаккул ва инкишофи рушди инфрасохтори индустриалӣ ва инноватсионӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи захираҳои ҳудудӣ, истеҳсолӣ, кадрӣ ва техникию технологӣ зарур буда, таваҷҷуҳ ба таҷрибаи хориҷӣ низ бояд зоҳир карда шавад. Вобаста ба ин, муаллиф бо назардошти зарфият ва имкониятҳои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати тавсеаи инфрасохтори индустриалию инноватсиониро дар доираи минтақаҳои озоди иқтисодӣ, таъсиси минтақаҳои саноатӣ ва технопаркҳои дар сохтори муассисаҳои таҳсилоти олӣ фаъолияткунанда муҳим арзёбӣ менамояд (с. 88).

Дар боби сеюм **"Самтҳои асосии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон"** асоснок карда шуда, дар ин

боб масъалаҳои мубрами консептуалии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноат, рушди он дар асоси истифодаи равиши кластерӣ ва тақвияти нақши он дар баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ баррасӣ карда шудааст.

Муаллиф қайд намудааст, ки самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори рушди инноватсионии саноат бояд мубрам ва муассир бошад, тавонад самаранокии раванди инноватсионӣ ва истифодаи захираҳои молиявиро таъмин кунад. Вобаста ба ин муаллиф самтҳои афзалиятноки инфрасохтори рушди инноватсионии саноатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст (с. 115).

Муаллиф дар диссертатсия модели консептуалии рушди инноватсионии саноатро дар шароити саноатикунонии босуръат пешкаш намудааст, ки дар расми 3.1.2. оварда шудааст (с. 117). Таъсири мутақобилаи ҷузъҳои дар расми 3.1.2 нишондодашуда имкон медиҳад, ки заминаҳои асосии рушди фаъолияти инноватсионӣ ташаккул дода шаванд.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомшуда ва баррасии нақши давлат дар рушди инфрасохтори инноватсионӣ муаллиф қайд менамоем, ки бояд нақшаи такмили низоми инноватсионии миллӣ бо назардошти унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ таҳия ва амалӣ карда шавад ва вобаста ба ин аз ҷониби муаллиф модели такмили механизмҳои ҳавасмандгардонии давлатии инфрасохтори инноватсионӣ таҳия гардидааст (с. 120).

Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ муаллиф самтҳои асосии такмили механизми дастгирии давлатии рушди инфрасохтори инноватсионии саноатро муайян намудааст, ки он дар ҷадвали 3.3.1. пешниҳод гардидааст (с. 148).

**Дар қисмати хулосаву пешниҳодот** натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳо ҷиҳати истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудааст.

## 7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар кори диссертатсионӣ, ҳамзамон баъзе камбудиҳои алоҳида ва андешаҳои баҳсталаби зеринро қайд намудан мумкин аст:

1. Дар диссертатсия (саҳ. 5,6) унвонҷӯ қайд менамояд, ки масъалаҳои умумӣ ва ҷузъии инноватсия, фаъолияти инноватсионӣ ва инфрасохтори инноватсионӣ дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби олимону муҳаққиқони зиёди классику муосири хориҷиву ватанӣ таҳқиқ ва баррасӣ гаштааст. Лекин дар рӯйхати адабиёти истифодашуда ном ва номи асарҳои илмии бештари ин олимон дарҷ нагардидааст.

2. Дар саҳифаи 18 ҷадвали 1.1.1. мафҳуми инфрасохтори инноватсионӣ дар таҳиқоқтҳои илмӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидааст, аммо дар асоси кадом манбаҳои илмӣ таҳия гардидани и ҷадвал нишон дода нашудааст.

3. Дар зербоби 1.3 дар баробари таҷрибаи хориҷии мамлакатҳои мутараққӣ, агар таҷрибаи кишварҳои собиқ Шуравӣ дар самти ташаккули низоми таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноат таҳқиқ карда мешуд, ба манфиати кор буд.

4. Дар зербоби 1.3. таҷрибаи хориҷии ташаккули низоми таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноат мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, аз он ҷумла таҷрибаи як қатор мамлакатҳо ба монанди ИМА, Олмон, Ҷопон, Финляндия, Швейтсария ва дигар кишварҳо ба таври зарурӣ омӯхта шудааст. Аммо хубтар ва беҳтар мешуд, муаллиф пешниҳод намуда метавонист, ки таҷриба ва мадели кадоме аз ин давлатҳоро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст.

5. Муаллиф барои таҳлил ва баҳодиҳӣ дар боби 2 маълумотҳои омориро истифода бурда, таҳлилҳо гузаронида баҳодиҳи намудааст, аммо сабабҳои тамоюли камшавӣ ва ё зиёдшавии ин нишондиҳандаҳоро илман асоснок накардааст.

6. Дар таҳқиқоти илмӣ хуб мешуд, ки таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя, ки ба корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон наздик мебошанд, истифода ва нишондиҳандаҳои марбути корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои ҳамсоя муқоиса мегардид .

7. Агар зербоби 2.2. бо чунин тарз инфрасохтори инноватсионӣ ва нақши онҳо дар рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузори карда шавад хутар мебошад, чунки дар ин зербоб арзёбии фаъолияти инфрасохтори инноватсионӣ кам ба назар мерасад.

8. Дар зербои 2.3. муаллиф бештар як омили таъсиррасони тавсеаи низоми таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноатро махсусан сармоягузориро таҳлил намудааст, ки ҳангоми таҳлил дигар омилҳои таъсиррсон аз мадди назар дур мондаанд.

Боиси тазаккур аст, ки камбудиҳо ва норасогиҳои қайдгардида аҳамият ва сатҳи баланди назариявию амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар сатҳи баланди илмию амалӣ иҷрошуда, аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим азёбӣ мегардад.

**8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,75 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**9. Мувофиқати диссертатсия ба “Тартиби додани дараҷаи илмӣ”**

Афтореферат ва мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф мазмуни мухтасари кори диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалии таҳқиқотро инъикос менамоянд.

Кори диссертатсионӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки ҷанбаҳои

назариявию амалии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии мамлактро дар марҳилаи муосир мукаммал ва тараққӣ медиҳад.

Умуман, диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи «Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи кори диссертатсионии мазкур Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01– Иқтисодиёти саноат ва энергетика дода шавад.

14 ноября соли 2023

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**муовини аввал, муовини ректор оид**
**ба таълим ва сифати таҳсилоти**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Тошматов М.Н.**


***Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,***
***ш. Душанбе, кучаи Н.Қарабоева 63/3***
***Донишгоҳи технологии Тоҷикистон***
***Тел: +992** 372 34 59 73, **http://**www.tut.tj*


Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Тошматов Маҳмуд Негматовичро тасдиқ менамоям:
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Бухориев Н.А.**